# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушди низоми ҳуқуқӣ дар шароити муосир ба ташаккули падидаҳои ҳуқуқи маданӣ, бахусус масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ нақши назаррас мерасонад. Иҷрои уҳдадорӣ ва таъмини он дар воқеъ ҳамчун институти муҳимми ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб рафта, муҳиммияти он дар адабиёт ва қонунгузории кишвар мустаҳкам карда шудааст.

Вобаста ба ин, таҳқиқи муфаасали мушкилоти ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва муайян кардани ҷойгоҳи он дар низоми институтҳои ҳуқуқи маданӣ барои соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва қонунгузории он мусоидат менамояд.

Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 банди 39 муқаррар мекунад, ки дар танзими уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба миён меоянд, як қатор мухолифат ва норасоиҳо мушоҳида мешаванд. Ин ҳолат дар мавриди ҷавобгарии мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор ҷой доранд. Вобаста ба ин, бо баинобатгирии қонунҳои дахлдор боби дахлдори Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд такмил дода шавад.

Аз ин рӯ бо дарназардошти муқаррароти ин ҳуҷҷати стратегии пешбиникунандаи дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқии мамлакат ба сомон расонидани таҳқиқоти илмии мукаммал дар мавзуи масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ барои рушди илм ва такмили қонунгузории маданӣ мусоидат менамояд.

Вобаста ба ин, зарурати таҳлили муфассали назариявии шаклҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар қонуни мадании Тоҷикистон пешбинишуда ба миён омадааст.

Ҳамин тавр, ҳолатҳои дар боло зикршуда, инчунин холигии қонунгузорӣ дар танзими масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ, аз ҷумла аҳаммияти ин падидаи ҳуқуқӣ ва нақши он дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти мавзӯи пажӯҳиш ва баррасии ин масъаларо муайян намуданд.

Исмонализода Сайвалӣ Исмоналӣ соли 2010 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшинос умумӣ дохил шуда, онро соли 2015 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиноси умумӣ хатм намудааст.

Аз соли 2015 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то ба ҳол фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии мазкур аз муқаддима, 3 боб 8 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Боби аввали диссертатсия** бо унвони «Муқаррароти умумӣ оид ба таъмини иҷрои уҳдадорӣ» бахши муҳимми кор буда, муаллиф дар он мафҳум ва хусусиятҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, таносуби тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва тарзҳои (воситаҳои) ҳифзи ҳуқуқҳои мадании онро таҳлили муфассал мекунад. Дар ин бахш ба аҳаммияти назариявӣ ва амалии таъмини иҷрои уҳдададорӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи маданӣ ва зарурати таҳлили амиқи тарзҳои (воситаҳои) ҳифзи ҳуқуқҳои мадании он дар доираи қонунгузории мавҷуда таваҷҷуҳи

махсус дода мешавад. Дар оғози боб муаллиф мафҳум ва хусусиятҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳоро ошкор намуда, нақши онро дар заминаи иқтисодӣ ва молиявии муосир таъкид мекунад. Дар қонунгузории маданӣ, ки айни замон рушд кардааст, мафҳуми умумии уҳдадориҳои ҳуқуқии маданӣ ба таври возеҳ ташаккул ёфтааст. Дар тавсифи моҳияти ҳуқуқии уҳдадориҳо, заминаҳои пайдоиши онҳо нақши муҳим мебозанд. Тавре ки дар адабиёти илмӣ қайд шудааст, ин унсури муҳим ва хоси ҳар як уҳдадорӣ буда, хусусиятҳои онро муайян мекунад.

Уҳдадориҳоро дар аксарияти мавридҳо тарафҳо ихтиёран, комилан, бошуурона ва масъулиятнок иҷро мекунанд. Дар баробари ин, ҳолатҳое ҷой доранд, ки асосан карздор амалҳоеро, ки аз моҳияти уҳдадорӣ бармеоянд, иҷро накунад ҳам, дар он қарздор ҳамчун яке аз тарафҳои худ баромад мекунад ва бо ҳамин манфиатҳои кредитор қонеъ намегарданд ва худи уҳдадорӣ иҷро нашуда мемонад.

**Боби дуюми** диссертатсия бо унвони «Таснифи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ» номгузорӣ шудааст. Дар ин боб таснифи амиқи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ анҷом дода мешавад ва омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, механизмҳои амалии онҳо ҷиҳати баргардонидани маблағ ба фоидаи кредиторро дар бар мегирад. Таваҷҷуҳи махсус ба ҷанбаҳои ҳуқуқие дода мешавад, ки тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориро муайян мекунанд.

Танзими ҳуқуқии тарзҳои иҷрои уҳдадорӣ барои таъмини адолат, устуворӣ ва самаранокии фаъолияти кредиторон аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Татбиқи ноустуворона дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, бахусус миёни шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ зиёд ба назар расида, он ҳамчун чораи массири тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ба шумор меравад.

Мувофиқи қисми 1-и моддаи 381 КМ ҶТ ноустуворона (ҷарима, пеня) ҳамон маблағест, ки бо қонун ё созишнома муқаррар шудааст

ва қарздор вазифадор мегардад дар ҳолати анҷом надодани ё ба таври номатлуб анҷом додани уҳдадорӣ онро ба кредитор супорад. Ҳангоми талаб кардани пардохти ноустуворона кредитор уҳдадор нест зарари ба ӯ расидаро бо далелҳо пешниҳод кунад.

Аз таърифи мафҳуми ноустуворона бармеояд, ки ноустуворона: якум, ҳамеша маблағи муайянро ифода мекунад, дуюм, он аз тарафи қарздор пардохта мешавад, сеюм, он ҳамеша бо муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ алоқаманд аст, ки дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадории бо он таъмингардида, пардохта мешавад.

Аз ин рӯ, таҳқиқот таҳлили стандартҳо ва амалияҳои байналмилалии муосирро, ки ба рушди қонунгузорӣ дар ин соҳа таъсир мерасонанд, фаро мегирад.

**Боби сеюми** таҳқиқоти диссертатсионӣ – «Хусусиятҳои замонат, нигоҳдошт ва кафолати бонкӣ дар низоми намудҳои тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ» унвон дорад. Дар ин бахш ҷанбаҳои калидии табиати ҳуқуқии замонат, нигоҳ доштани молу мулки қарздор, кафолати бонкӣ, ҳамчун усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ба таври муфассал таҳлил карда мешаванд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Исмонализода Сайвалӣ Исмоналӣ дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби

барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва
тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатмандзода Э.Д.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 900875959

Имзои Давлатмандзода Э.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
«19» 01 соли 2026 Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj,
сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj